# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ-СИЁСӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

20 феврали соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши навбатии идоравӣ-сиёсӣ баргузор гардид. Хониши мазкурро муовини директор Маҳмудзода Обидҷон ифтитоҳ намуда, дар суханронии худ ба нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора намуд. Ӯ таъкид кард, ки дар Паёми навбатӣ роҳбарону кормандони соҳаи маориф вазифадор дониста шудаанд, ки дар баробари дастгириҳои давлат сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, сарфи назар аз шакли моликияти муассисаҳо, баланд бардоранд. Ҳамзамон зикр гардид, ки пурзур намудани назорати азхудкунии донишҳои замонавӣ, ташвиқи наврасону ҷавонон ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ, тақвияти қобилияти эҷодӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, Пешвои миллат ба хотири рушди тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020–2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудаанд, ки барои фаъолияти илмӣ ва таълимии муассисаҳо самти роҳнамо маҳсуб меёбад. Дар идомаи хониш Имомназаров Давлатназар — иҷрокунандаи вазифаи сардори Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ, дар мавзуи «Роҳҳои такмили мазмуни таҳсилот — омили муҳимми қонеъ гардонидани таҳсил аз рӯйи дархост ва тамоюли таълимии хонандагон дар муассисаҳои таълимии типпи нав (литсейу гимназияҳо, мактабҳои хусусӣ)» маъруза намуда, мубрамии масъалаҳои такмили муҳтавои таълим ва мутобиқсозии барномаҳо ба эҳтиёҷоти гуногуни хонандагонро баррасӣ кард. Ҳамчунин, Буриев Бахтиёр — ходими пешбари илм бо маърузаи худ таҳти унвони «Заминаҳои илмию амалии рушди тафаккури техникии хонандагон дар раванди татбиқи маводи таълимии фанни “Математика” дар зинаи дуюми таҳсилот» баромад намуда, аҳамияти рушди тафаккури техникӣ ва татбиқи самараноки маводи таълимиро дар баланд бардоштани сифати таҳсилот муҳим арзёбӣ намуд. Хониши идоравӣ-сиёсӣ бо муҳокимаи мавзуҳои пешниҳодшуда ва ибрози фикру мулоҳизаҳои ҳозирин идома ёфта, аз натиҷаҳои он хулосабарорӣ гардид.




ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ













